**Тақриз**

**ба диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00. 09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Диссертатсия бори аввал бо забони тоҷикӣ ба омӯзиши «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI)» бахшида шудааст ва ин хеле муҳим мебошад. Умуман на танҳо барои Афғонистон, балки дар бораи ҳамаи мутафаккирони Тоҷикистон, адабиёти таърихӣ бо забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Азбаски дар замони шуравӣ бештари таърихшиносон рус забон буданд ва корҳо дар ин бахш бо забони русӣ навишта мешуданд. Умедворам анъанаи Р. Сайдализода пешгирифта давом меёбад ва минбаъд асару рисолҳо бо забони тоҷикӣ навишта мешаванд ва маҳаллиён онҳоро мехонанд ва бо мутафаккирони хеш хубтар шинос мешаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб дар баргирандаи ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад. Дар муқаддима дар бораи зарурияти омӯзиши мавзуъ, сатҳи таҳқиқи он давра ба давра маълумоти муфассал оварда шудааст.

Дар бахши тавсифи кор, бошад қайд мешавад, ки мақсади таҳқиқот омӯзиши «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI)» буда, дар ҳамин бахш дар бораи аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дигар бахшҳои ба талаботи рисола марбут буда, маълумот оварда шудааст.

Боби якуми рисола «Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва заминаҳои пайдоишу ташаккулёбии осори илмӣ-таърихӣ дар асри XVI» ном дошта, он аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «Аз ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ-таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» гуфта мешавад, ки фаъолияти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун нависанда ва мутафаккир дар шаҳри Ҳирот дар иҳотаи пайвандону наздикон сарчашма мегирад, бо ҳидоят ва роҳнамоии хеши наздикаш Амонӣ, Соҳиби Доро ва бо дастгирии Алишер Навоӣ ба ҷодаи илм қадамҳои устувор гузоштааст.

Дар зербоби дуюм «Вазъи Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI ва шароити таърихии эҷоди асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ» гуфта мешавад, ки асари воқеан таърихӣ-этнографӣ дар асоси санадҳои ҳаётӣ офарида

шудааст ва дар он бисёр масъалаҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва мардумшиносӣ ҷой доранд ва метавон онро қомусномаи таърихии миллати тоҷик номид. Дар ин асари таърихӣ зарбулмасалу чистонҳои халқӣ, санъати кушодани муаммо ва ҳодисаҳои таърихӣ дар ду сарзамин қаламрави Хуросон ва Мовароуннаҳр ҷой дода шудаанд. Дар бахши аввали рисола дар бораи мактаби адабию фарҳангии ҳокимони Темурӣ ва Шайбонӣ, маҳфилҳои илмӣ ва нишастҳои адабӣ, бурду бохти онҳо, фаъолияти мадрасаҳо ва таълими толибилмон муфассал маълумот оварда, хизматҳои ҳокимону ашхоси алоҳидаро дар ин ҷода нишон додааст.

Бояд қайд намуд, ки Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар умум ба омӯзиши иншои санадҳои расмӣ, номаҳо, катӣбаҳои рӯи сангҳои мазор ва ғайра машғул буд. Муаллифи рисола таъкид менамояд, ки катибаҳо аввалин намунаҳои санъати хаттии тасвирӣ буда, аз рӯйи онҳо метавон хислат, замони зиндагонӣ ва дигар тарафҳои ҳаёти одамони ин диёрро муайян намуд.

Р. Сайдализода қайд менамояд, ки аз соли 1925 адабиётшиноси тоҷик бо сарварии устод С. Айнӣ ба омӯзиши осори мутафаккири тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ шинос мешавад ва нахустин мақолаи илмии ӯ пай дар пай дар ҷумҳурӣ чоп шуданд. Устод С. Айнӣ бештар ба замон ва шароитҳои таърихии асри XVI диққат додааст ва дар ин бахш асареро бо номи «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (соли 1956) навиштааст, ки аҳаммияти калони илмӣ дорад.

Омӯзиши осори бузургони миллат аз ҷониби шогирдони С. Айнӣ, Б.Ғ. Ғафуров ва А.Н. Болдирев давом доданд, вале замони омӯзиши осори бузургон васеъ мебошад. Дар рисола гуфта мешавад, ки солҳои 70 ва 80-ум дар ҷумҳурӣ як гуруҳи мутахассисон аз қабили Б. Ғафуров, К. Айнӣ, А. Мухторов, А. Мирзоев доир ба ҳаёт ва паҳлуҳои зиндагонии мутафаккир таҳқиқот мебурданд. Аммо қайд мешавад, ки дар санабандӣ ва таҳқиқоти бархе аз олимон камбудиҳо мушоҳида мешаванд.

А. Мухторов дар омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва ҳамасрони ӯ корҳои зиёдеро анҷом дода, асару мақолаҳо навиштааст. Аз мазмуни рисола бар меояд, ки Б. Ғ. Ғафуров ягона нафарест, ки дар тамоми гӯшаҳои Афғонистон ва Тоҷикистон рафта, маълумотҳои зиёдеро дар бораи ин мутафаккир таҳқиқ намуда, ба рӯйхати саҳифаҳои таърихи миллат ворид кардааст.

Р. Сайдализода дар баробари муваффақиятҳои зиёди таърихшиносон дар омӯзиши таърихи қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ва мутафаккирон баъзе норасогиҳоро, аз ҷумла таҳқиқ нагардидани бархе аз чеҳраҳои илм ва адаб, надонистани забони

маҳаллиён аз ҷониби муҳаққиқон, ғалат навиштани номҳои топонимӣ ва ғайраро мушоҳида кардааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм «Инъикоси низоъҳои мазҳабӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» гуфта мешавад, ки бо вуҷуди мушкилиҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, соли 1510 шаҳри Ҳирот аз ҷониби шоҳ Исмоили Сафавӣ ишғол гардида, урдуи қизилбошони сафавӣ даст ба тороҷи аҳолӣ зада, ранги фалакро ба ранги лолазор табдил дод. Пайравони сафавӣ ба аҳолии ғайр бо чашми паст нигариста, онҳоро хориҷӣ ва зиёратгоҳиён ном мебурданд. Онҳо дар шаҳри Ҳирот мазори мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро оташ заданд. Қизилбошони сафавӣ зумраи зиёди пайравони мазҳаби сунниро аз дами теғ гузарониданд. Натиҷаи низоъҳои байнимазҳабӣ фоҷеаҳои зиёдеро ба бор оварда, ба инкишофи ҳаёти илмӣ, маданӣ ва хоҷагии мамлакат таъсири манфии хешро расониданд. Қайд мешавад, ки Зайниддин Восифӣ ба ҳама мушкилиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ нигоҳ накарда, як маротиб ба ҷониби Исфаҳону Машҳад сафар намуда, дар ин диёр низ осудагиро надидааст ва ба ватан баргашт. Ба низоми ноадолатонаю ҷафокоронаи сафавиён тоб наоварда, оқибат дар синни 27 солагӣ ҷилои ватан кардааст. Бо як машаққат худро аз гиру дори Сафавиён халос карда, ба тарафи Мовароуннаҳр сафар карда, дар рушду нумуи илм ва фарҳанги ин сарзамин нақши худро гузоштааст.

Зербоби дуюми боби дуюм «Баррасии мартаба, маросим ва мансабҳои маъмурӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном дорад, ки бевосита дар бораи унвону мансабҳои динӣ, унвону мансабҳои давлатӣ ва маросими дафн мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф изҳор менамояд, ки дар асри XVI барои идораи мамлакат ва танзими аҳволи динӣ унвону мансабҳои зиёд амал менамуд. Ин мансабҳоро пай дар пай аз рӯи мавқеъашон дар давлатҳои Темуриёну Шайбониён номгузорӣ ва таҳлил намудааст, ки нақш ва вазифаи хоси худро дошт. Сарвари кулли додгустарӣ қозӣ ва дигар вазифаҳои амалдоронро нишон додааст. Ҳамчунин дар ин зербоб масъалаи маросими дафн дар рӯзгори мардум, тарзи иҷроиши он, вақт ва ҷойи баргузорӣ, гузоштани сангнавиштаҷоти ёдоварӣ дар болои қабр нишон дода шудааст.

Боби сеюми рисола «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этгографии асрҳои XV-XVI» номгузорӣ шуда, он аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «Инъикоси ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» баррасӣ шудааст, ки дар ин бахш дараҷаи омӯзиш ва дарки масолеҳи сохтмон таҳлил шудааст. Қайд мешавад, ки санъати меъморӣ дар шаҳри Ҳирот нисбат ба ноҳияҳои ҳамҷавори он хубтар таҳқиқ шуда, нисбати иқоматгоҳҳои дар дигар минтақаҳо ва маҳаллаҳо

ҷойгирбуда, фарқ мекунанд. Соҳаи меъморӣ дар ин диёр вобаста ба боигариҳои табиии маҳал дар ҳоли рушд қарор дошт.

Бунёди биноҳои маъмурӣ, динӣ, маишӣ, фарҳангӣ, варзишии вобаста ба талаботи он замон сохта, ба истифода дода мешуданд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар вақти сохтмон бештар ба мавқеи ҷойгиршавӣ, тарҳ, намуд ва маводи сохтмонӣ диққати калон дода мешуд. Ҳамчунин муаллиф изҳор менамояд, ки дар ин давра касбу ҳунарҳои хеле зиёд мавҷуд буд: бофандагӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, чӯбтарошӣ, чармгарӣ, кӯлолӣ, мисгарӣ ва амсоли ин. Оиди чанде аз устоҳои номдори шаҳри Ҳирот, аз қабили Ҳусайни мисгар, Мири шонатарош, Муҳаммади сарроф, Султонмуроди заргарро номбар кардааст.

Зербоби сеюми боби дуюм «Инъикоси санъати мусиқӣ ва этнографӣ дар асари таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном дошта, дар бораи нақши санъат дар дар ҳаёти мардуми тоҷик, намудҳои он, созҳои миллӣ, навозиши асбобҳои мусиқӣ, санъати ракс, наққошӣ, дӯхти сару либос ва омода кардани ғизо дар рӯзгори мардумони ин минтақа изҳори андеша намудааст. Ба андешаи муаллиф дар ин сарзамин дарахтони бед, тут, чормағз, чинор ва ғайра бештар мерӯиданд ва барои сохтани созҳои мусиқӣ мусоидат менамуд. Ҳамчунин муаллиф оиди чанд тан аз ҳунармандону санъаткорони шаҳри Ҳирот, аз ҷумла Ҳусайни Кӯчакноӣ, Ҳасани Нойӣ, Ҳофиз Мири Хонанда, Зӯҳраи Чангӣ, Сайид Аҳмади Ғиҷҷакӣ, Ҳасани Удӣ, Қосималии Қонунӣ, Мақсуд Алии Раққос ва Моҳчучуки Раққос маълумот додааст. Ин ҳунармандон бо созҳои мусиқии худ навои Хуросониро менавохтанд.

Дӯхти сару либос, намудҳо ва тарзи истифодаи он дар рӯзгори мардум мавқеи муҳим дошт. Вобаста ба фаслҳои сол аҳолӣ аз матоъҳои маҳаллӣ сару либос: шалвор, ҷома, поҷома, тоқӣ, рӯймол, тунбон ва ғайраро омода мекарданд. Ҳамчунин мардуми кӯҳистон аз маҳсулотҳои ғалладонагӣ ва чорвои хонагӣ барои эҳтиёҷоти хеш ҳар гуна ғизои болаззатро омода мекарданд. Хӯрокҳои маъмули аҳолиро ош, кабоб, мурғбирён, баррабирён, ҳавло ва ғайра ташкил медод. Инчунин муаллиф дар рӯзгори аҳолӣ нонҳои чаппотӣ, ғафсак ( гирдача), фатир, кулча ва ғайра маъмул бударо оварда, маҳорати баланди пазандагии бонувонро таҳлил намудааст.

Зербоби сеюми боби сеюми «Инъикоси фарҳанг, суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» номгузорӣ шудааст ва муаллиф маводи зиёдеро аз асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ роҷеъ ба маросими тӯй, ҷашни арӯсию домодӣ, одоби

меҳмондорӣ, варзиш, ченакҳои дарозию вазн ва пулро ҷамъоварӣ намудааст.

Диссертант дар ин зербоб овардааст, ки маросими тӯйи тоҷикон оғоз мешавад, аз интихоби арӯс, хостгорӣ, фотиҳа, никоҳ, ба хонаи домод бурдани арӯс, сартарошони домод ва ғайраро дар бар мегирад. Ин анъана ва фарҳанги қадимаи тоҷикон то ба имрӯз идома дорад. Ҳамчунин дар ин боб дар бораи одоби меҳмондории мардуми точик, қабул ва гусели меҳмонон, варзиш- шаклҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла шамшербозӣ, найзапартойӣ, гуштингирӣ, муштзанӣ, шиноварӣ, камонварӣ ва мавҷуд будани ченакҳои дарозӣ- лик, ваҷаб, қадам, газ, қулоч, фарсах, мил ва вазн- манн, пӯд, мисқол, санг, ва ғайраро баррасӣ намудааст.

Дар охири рисола дар 7 саҳифа хулоса бо тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 153 номгӯй оварда шудаанд.

Бо назардошти мубрамии мавзуи таҳқиқ, навоварӣ ва аҳаммияти назариявии натиҷаҳлои ба даст омада, диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этгографии асрҳои XV-XVI» кори илмии ба таври пурра ба анҷом расида ҳисобида шуда, рисолаи илмӣ ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод карда шавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои таърих,
профессор Қурбонов Б.Р.

Имзои Б.Р. Қурбоновро тасдиқ менамоям,
сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ
ва коргузорӣ ДИТ ба номи Имоми
Аъзам - Абуҳанифа Ҷомадов Х.

12.06.2025